Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА -014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/4
E-mail: faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 — Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 — Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Нақши маориф дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат саҳми назаррас дорад, чунки рушди иқтисодию иҷтимоиро бе илм ва мутахассисони баландихтисос тасаввур намудан ғайриимкон аст. Рушди иқтисодию иҷтимоӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, рақобатпазирии мамлакат дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин пайдо кардани сегменти бозорию имкониятҳои истеҳсолии мамлакат ва ғайра вобастагӣ дорад ба иқтидори кадрию илмии ҳар як давлат. Зеро имрӯз рушди аксар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳонро мутахассисони соҳа аз пешравии илмию техникӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ ва соҳаи маориф мебинанд. Соҳаи маориф ва илм барои ҷомеаи Тоҷикистон дар радифи соҳаҳои арзишманду аввалиндараҷа қарор дорад. Воқеан ҳам маориф мояи созандаи миллат ва ташаккулдиҳандаи ҷомеаи башарист.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷаҳонии таҳсилот шомил шуда, ба ниҳоди калонмиқёс табдил ёфта истодааст, ки тавассути он таҳаввулоти бозории ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа сурат мегирад. Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ дигаргуниҳои сохтории сифатан нав сурат гирифтанд, ки ногузир дар стратегияи низоми миллии маориф инъикос ёфтаанд. Дар шароити муосир таҳсилоти миёнаи касбӣ на танҳо соҳаи муҳимми ташаккули захираҳои инсонӣ, балки омили калидии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин махсусан, дар давраи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Мутолиаи автореферат сатҳи баланди илмияти диссертатсияро тавсия медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватаниву хориҷиро дар рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди ин низомро эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифода аз воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишорот ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамояд.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявию методологӣ ва амалӣ иҷро шудааст, баъзе камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолати зеринро ҷудо намуд:

Дар автореферат муаллиф омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбиро нишон додааст, аммо меъёрҳои он пешниҳод нашудаанд.

Эроди қайдшуда сифати илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад ва кори илмии Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», хусусияти тахассусӣ дошта барои такмилу рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат хидмат менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 — Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Муқарриз:**

Мудири кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳони ДБССТ,
д.и.и., дотсент Ҷумъаев Б.М.

Имзои д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони
ДБССТ Ҷумъаев Б.М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Email: j_bahoviddin@mail.ru
Тел: (+ 992) 934-88-86-70